**Мавзӯи лексия: Назарияи фаъолият дар психологияи муосир**.

Накши фаъолиятро дар инкишофи психика олими шинохта А.Н.Леонтев муайян кардааст. У кайд кардааст, ки фаъолият аз муошрати байнихамдигари пайдо мешавад. Дар дохили фаъолият одам тачрибаи хаётиро зам намуда такмил меёбад ва дигаргун мешавад, яъне одам чун шахсият шинохта мешавад. Леонтев акидаи Виготскийро оид ба табиати чаъияти ва таърихи доштани психикаи инсонро давом дода аз чихати назарияви ва озмоиши онро кор карда баромадааст. Кудак дар мухити инсони зиндагони мекунад ва ашёхое, ки барои инсон аз тарафи инсон сохтагиро азхуд мекунад муносибат кардан бо ашёхо, коидахои муносибати байнихамдигариро бо ёрии калонсолон омухта минъбад мустакилона бо ашё амал мекунад, яъне тачрибаи дар давоми хазорсолахо зам шудаи инсониятро азхуд менамояд (аз пиёла кошук истифода мебарад). Дар зери таъсири мухити ичтимои психикаи кудак инкишоф меёбад.

Фаъолият ин шакли фаъоли муносибати одам нисбат ба мухити атроф мебошад, ки ба конеъ гардонидани талаботхои худ ва чамъият нигаронида шудааст.

Хусусияти асосии фаъолият дар ашёгии он ифода меёбад ва намудхои фаъолият аз руи ашёгиаш фарк мекунад. Фаъолият бе ашё вучуд надорад, аз ин ру фаъолиятро ба зохири ва ботини чудо мекунанд. Ба акидаи Леонтев фаъолияти ботини дуюмдарача буда, он бо рохи интериоризатсия (ба луғат ниг.),яъне дар фаъолияти зохири ба амал меояд. Масалан аз худ кардани кошук. Фаъолияти ашёги асоси пайдошавии хамаи шаклхои фаъолияти ботини мебошад. Имконияти аз фаъолияти зохири ба ботини ва баръакс аз ботини ба зохири гузаштан дар бораи ин маълумот медихад, ки сохти онхо якхелаанд. Фаъолияти хар як инсон дар шароитхои гуногун мегузарад дар байни одамон, дар танхои, дар паси мизи кори. Фаъолият хусусияти чамъияти дорад. Фаъолияти одамро максад, восита ва натичахо ташкил медиханд.

Фаъолият аз инкишофи психика ва шуур вобаста аст. Дар психологияи бачагона 3 намуди фаъолиятро дида мебароем: таълими, бози, мехнат. Намудхои фаъолият чун кувваи харакатдихандаи инкишофи психикаи кудак баромад мекунад ва ба хисоб гирифтани мавкеи кудак дар системаи муносибатхои чамъияти талабот номида мешавад. Дар хар як давраи синнусоли дар кудак нисбат ба фаъолият талабот пайдо мешавад. дар давраи тифли кудак ба муносибати эмотсионали бо калонсолон талабот дорад ва калонсол ин талаботи кудакро конеъ менамояд. Тамоми хаёти инсон аз ивазшавии фаъолиятхо иборат аст, яке аз ин фаъолиятхои асоси, пешбаранда хисоб мешаванд ва инкишофи психика аз он вобаста аст, дигаре фаъолиятхои дуюмин буда ба он итоат мекунад. Аз ин ру, инкишофи психика на аз фаъолият балки аз фаъолияти асоси вобастааст. Хар як давраи инкишоф аз фаъолияти пешбарандаи иборат аст, ивазшавии фаъолияти пешбаранда маънои ивазшавии давраи инкишофро дорад. Леонтев фаъолиятхои пешбарандаро дар инкишофи

психикаи кудакон муайян намудааст. Фаъолият кувваи харакатдихандаи инкишофи рухии кудак мебошад.

| № | Даврахо | Синну сол | Фаъолияти пешбаранда |
|---|---|---|---|
| 1. | Навзоди | Аз 0 то 2,5-3 моха | Мутобикшави ба мухит. |
| 2. | Тифли | Аз 2,5-3 моха то 1 с. | Муоносибати эмотсионали. |
| 3. | Барвакти бачаги | Аз 1 сола то 3сола | Фаъолияти ашёги. |
| 4. | Томактаби | Аз 3 сола то 7 сола | Фаъолияти бози. |
| 5. | Хурди мактаби | Аз 7 сола то 11-12 с. | Фаъолияти таълими. |
| 6. | Навраси | Аз 11-12 с. то 14-15 с. | Муошират бо хамсолон |
| 7. | Навчавони | Аз 14-15с. то 18 с. | Интихоби касб. |

Вобаста ба ин 3 аломати фаъолияти пешбарандаро Леонтев муайян кардааст.

1. Дар дохили фаъолияти пешбаранда намудхои нави фаъолият ба вучуд меояд. Дар фаъолияти бози фаъолияти мехнати, таълими ба вучуд меояд. Бози карда кудак малакахои таълими ва мехнатиро азхуд менамояд.
2. Дар дохили фаъолияти пешбаранда фаъолиятхои алохидаи психика инкишофмеёбад. Дар фаъолияти бози хотир, диккат, хаёл, тафаккур, нутк инкишоф меёбад.
3. Дар дохили фаъолияти пешбаранда шахсияти кудак ташаккул ва инкишоф меёбад. Дар бози кудак накш офарида муносибатхои одамонро инъикос менамояд ва меъёрхои муайяни рафторро азхуд карда шахсияташро ташаккул медихад.

Фаъолиятхои асоси ва пешбаранда ба даврахои муайяни синну соли мувофик аст. Кудак ба фаъолияти минъбада омода мешавад. дар рафти бози протсесхои маърифатии кудак инкишоф ёфта ба фаъолияти таълимии у замина мегузорад; кудак аз ягон чихат фаъолияти психики худро инкишоф медихад, дар бози хаёл тахаюлоти кудак инкищоф меёбад, дар мехнат кобилияти фикрронии кудак ташаккул меёбад; сифатхои ахлокии кудак инкишоф меёбад, ки одоби муоширот кардан, риоя кардан ба коидахои бози ва г. Минъбад ба ичрои коидахои талабаги дар мактаб замина мегузорад.

Масъалаи ба даврахо чудокунии инкишофи рухи яке аз мухимтарин масъалаи фанни психологияи бачагона ва психологияи синнусоли ба шумор меравад. Хусусиятхои даврахои синнусолиро надониста ягон масъалаи инкишофи маърифати ва ташаккули кудакро дуруст хал

кардан мумкин нест.Тамоми кори таълиму тарбия дар муассисахои томактаби вобаста ба даврахои синнусоли ба рох монда мешавад.

Олимони сохаи психология Блонский, Давидов, Леонтев, Виготский, Элконин масъалаи ба даврахо таксим намудани синнусолиро пешниход намуданд. Синну сол зинаи сифатан махсуси инкишофи онтогенезии инсон мебошад, ки ба конуниятхои ташаккули организм ва шароитхои таълиму тарбия вобаста буда, мохияти мушаххасу таърихи дорад. Дар таксимот синну сол, даврахо, мархилахои ба вучуд омадани бухрон, зиддиятхо тагйир ёфтани фаъолиятхои пешбаранда ва асоси ба назар гирифта мешавад, ки хар яки он дар инкишофи психика накши мухимро мебозад.

1. Хар як давраи синну соли дар инкишофи психикаи кудак мавкеи муайянро ишгол мекунад.

Хар як синну сол як мархилаи махсуси инкишофи рухи буда, мачмуи тагиротхои ба худ хоси таркиби шахсияти фардро дар назар дорад. Вобаста ба даврахо инкишофи психики инсон муайян мешавад, вобаста ба зохиршавии конуниятхои гузариш аз як давра ба дигар давра масъалаи инкишофи психики ва кувваxои харакаткунанда хал мегардад ва чараёни инкишоф тагир меёбад. Вобаста ба таксимоти даврахои синну соли таълим ва тарбияи кудак ба низом дароварда мешавад. Вазифаи хар як шахс ин тарбия намудани насли наврас ба хисоб меравад. Аз ин ру вобаста аз хусусиятхои фарди ва хусусиятхои синнусоли инкишоф додани кобилият ва лаёкати кудак муайян карда мешавад. Кобилиятхои инкишофёфтаашро инсон дар давоми хаёт, дар хар як даврахои синнусолии худ истифода бурда метавонад.
Мувофики акидаи Л.С.Виготский синнусол як давраи муайяни инкишоф ба хисоб меравад, ки дар он конуниятхои умумии инкишоф ифодаи хоси худро меёбанд. Хусусияти синнусолро мачмуи шароитхои беруни ва хусусиятхои ботинии кудак – фаъолият, талаботхо, муносибатхо, дарачаи инкишофи таркиби психологии шахсият, доираи дониш ва дарачаи инкишофи тафаккур, хусусиятхои инкишофи чисмони ва физиологи муайян мекунад.

2. Аз чихати таърихи хал гардидани ин масъала нишон дод, ки суръати инкишоф ва ташаккулёбии даврахои алохидаи бачаги аз таърихи инкишофи инсоният вобаста аст.

Даврахои синнусоли мохияти таърихи дорад. Дар чараёни тараккиёти таърихии чамъият шароитхои ичтимои, шароити хаёту фаъолият, шаклхои таълим ва тарбия, мазмун ва мундаричаи методхои таълими тагир меёбанд ва он бевосита ба даврахои синнусоли таъсир мерасонанд. Дтгаргуни дар хаёти чамъият, пешрафти илми- техники ва фарханги, бехтар шудани шароитхои таълими тарбияви дар муассисахои

томактаби, такмил ёфтани системаи маълумот ба хаёти кудак таъсир расонида, инкишофро метезонад ва ин омилхо худудхои синнусолиро тагир медиханд. Худудхои синнусоли вобаста ба урфу одат ва анъанахои тарбия, хусусиятхои системаи маълумоти ин ё он давлат метавонад гуногун бошад. Мисол то соли 1940 кудакон аз 8-9 солаги ба мактаб фаро гирифта мешуданд ва аехо 4 сол дар мактаби ибтидои тахсил мекарданд. Минбаъд кудакон аз 7 солаги ба мактаб кабул мешаванд. Соли 1967 мактаби итидои сесола мешавад. дар мамдакатхои гарб кудаон аз 5 солаги ба мактаб кабул мешаванд. Талабот ва пешравии илму техника мачбур мекунад, ки ба мактаб аз сини 6 сола кабул шаванд.

Хамаи ин мисолхо нишон медиханд, ки худудхои синнусоли доими, мутлак ва тагирнопазир набуда, он вобаста ба шароитхои таърихи-ичтимои тагир меёбад ва ба инкишофи кудак таъсир мерасонад.

3. Хар як давраи синну соли дар кудак наоварихоеро ба вучуд меорад, ки у сифатан ва микдоран тагир меёбад.

Мувофики таълимоти Виготский хар як синнусоли минъбада аз пештара бо навоварихо фарк мекунад.

Нововари хамон навъи таркиби шахсияту фаъолият ва дигаргунихои рухию ичтимоиро ташкил мекунад, ки дар он ин ё он зинаи синнусоли бори аввал ба вучуд омада, тамоюлоти шуур, муносибати фардро ба мухит, хаёти ботинию беруни ва равиши инкишофро муайян мекунад.

Виготский мухити ичтимоиро хамчун манбаи инкишофи рухи шумирида мафхуми «вазъи ё мухити ичтимоии инкишоф»-ро чори кардааст ва нишон медихад, ки дар хар давраи синнусоли байни кудак ва мухити атроф муносибати ба худ хоси ягонаву нотакрор ташаккул меёбад, ки он муносибати ичтимои буда, чараёни инкишофи фардро муайяе менамояд. Мухит ё худ вазъи ичтимоии инкишоф барои ба вучуд омадани навоварихои психологи мусоидат мекунад.

4. Гузариш аз як давраи синну соли ба дигар давраи синусоли бухронро ба вучуд меорад, ки дар навбати худ чахиш дар инкишофи психика ба амал меояд.

| № | Даврахои синнусоли | Бухрони синнусоли | |
|---|---|---|---|
| 1. | 0 то 2-3 моха | Бухрони навзоди | |
| 2. | 11-12 мохаги | Бухрони яксола | |
| 3. | 2, 8 -3 сола | Бухрони сесола | I давр |
| 4. | 6 – 7сола | Бухрони хафтсола | |
| 5. | 10 то 14-15 сола | Бухрони навраси | II давр |

Ба акидаи Виготский инкишоф ин чараёни чахишмонанд буда, даврахои нисбатан ороми инкишоф бо даврахои дигаргунихои

пурталотум «бухрони» иваз мешаванд. Ба бухрони синнусоли чунин хусусиятхо хос аст:

а) Бухрон ногахон пайдо мешавад саршави ва ба охиррасии онро муайян кардан мушкил аст.

б)дар холати ба вучуд омадани бухрон тарбияи кудак душвор мешавад, аз сабабе ки холати эмотсионалии кудак вазнин мешавад муносибататаш бо одамоне, ки уро ихота мекунанд душвор мешавад.

Сабаби пайдошавии бухрони синнусоли ба аломатхо ва ходисахои манфи вобастааст. Хар як нававарие, ки дар кудак ба вучуд меояд, шакли пештара ва кухнаи рафтору шуури кудакро тагир медихад ва ин сабаби пайдошавии бухрон мегардад.

Тагир ёфтани шахсияти кудак ва шуури у дар навбати худ онро мефахмонад, ки вазъи кухнашудаи инкишоф ба талаботи нав мувофикат намекунад. Натичаи он зиддиятхои диалектики буда, дар бухрони синнусоли инъикос меёбад.

Мисол. Вазъи ичтимоии инкишофи кудаки навзодро ду хусусияти ба хам мукобил ташкил медихад. Якум, навзод хамчун чисми заиф ва нотавон ба дунё меояд ва тамоми талаботи уро калонсол конеъ мегардонад. Дуюм, у хануз воситаи мухими муошиоат- нуткро намедонад. Хмин тарик дар давраи навзоди дар зиддияти байни афзалиятхои баландтарини ичтимои ва имконияти камтарини муошират таххурсии инкишофи кудак гузошта мешавад.